***УДК 392***
***ББК 65.32***

***ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ РУШДИ МИНБАЪДАИ КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ТОҶИКИСТОН***

***Қӯзибоева Бароат Муротбоевна,***
*н.и.и., дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***О НЕКОТОРЫХ ВОПРОСАХ ДАЛЬНЕЙШЕГО РАЗВИТИЯ АГРОПРОМЫШЛЕННОГО КОМПЛЕКСА В ЭКОНОМИКЕ ТАДЖИКИСТАНА***

***Кузибаева Бароат Муротбоевна,***
*канд.экон.наук, доцент кафедры бухгалтерского учета ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

***ON SOME ISSUES OF FURTHER DEVELOPMENT OF AGRO-INDUSTRIAL COMPLEX IN THE ECONOMY OF TAJIKISTAN***

***Kuzibaeva Baroat Murotboevna*** *candidate of the sciences of economics, Associate Professor of the department of bookkeeping accountancy under TSULBP (Tajikistan, Khujand).*
***E-MAIL:*** *baroatbony@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *модернизатсия, инноватсия, илм ва техника, комплекси агросаноатӣ, инфрасохтор, танзим, пешрафт, рушд*

*Зуҳуроти инноватсионии рушди илм ва техника дар комплекси агросаноатии Тоҷикистон баррасӣ карда шудааст. Қайд карда мешавад, ки хусусияти муҳимми марҳилаи кунунии тараққиёти умуман иқтисодиёти миллӣ ва аз ҷумла маҷмӯи агросаноатӣ зарурати тезонидани рушди илм ва технология мебошад, ки асоси онҳоро равандҳои инноватсионие ташкил мекунанд, ки ба таҷдиди муттасили истеҳсолот дар заминаи рушди илму техника имкон медиҳанд. Омилҳои ба рушди комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсирбахш инъикос карда шудаанд. Қайд шудааст, ки равандҳои инноватсионӣ бояд ҳамеша аз ҷониби давлат тавассути сиёсати дахлдори инноватсионӣ ба танзим дароварда шаванд. Таъкид гардидааст, ки татбиқи ин сиёсат ба бозсозии муттасил ва прогрессивии ташкилӣ, иқтисодӣ, техникӣ ва технологии истеҳсолоти агросаноатӣ ва афзоиши самаранокии он мусоидат хоҳад кард.*

***Ключевые слова***: *модернизация, инновации, наука и техника, агропромышленный комплекс, инфраструктура, регулирование, прогресс, развитие*

*Рассмотрены инновационные проявления развития науки и техники в агропромышленном комплексе Таджикистана. Отмечается, что важной особенностью современного развития народного хозяйства в целом и агропромышленного комплекса в частности является необходимость ускорения развития науки и техники, в основе которых лежат инновационные процессы, позволяющие осуществлять непрерывную модернизацию производства на основе развития науки и техники. Отражены факторы, влияющие на развитие агропромышленного комплекса Республики Таджикистан. Отмечено, что инновационные процессы всегда должны регулироваться государством посредством соответствующей инновационной политики. Подчеркивается, что реализация этой политики будет способствовать непрерывной и прогрессивной организационной,*

*экономической, технической и технологической перестройке агропромышленного производства и росту его эффективности.*

***Key-words:*** *modernization, innovations, science and technology, agro-industrial complex, infrastructure, regulation, progress, development*

*The article dwells on the innovative development of science and technology in the agro-industrial complex of Tajikistan. It is noted that an important feature of the current stage of development of the entire national economy and the agro-industrial complex, in particular, is the need to accelerate the development of science and technology, which are based on innovative processes that afford to carry out continuous modernization of production based on the development of science and technology. The factors affecting the development of the agro-industrial complex of Tajikistan are reflected. It is noted that innovation processes should always be regulated by the state through appropriate innovation policies. Making a conclusion the author asserts that implementation of this policy will contribute to the continuous and progressive organizational, economic, technical and technological restructuring of agricultural production and the growth of its effectiveness.*

Низоми иқтисодии Тоҷикистонро берун аз фаъолияти соҳаи кишоварзӣ тасаввур кардан имкон нопазир аст, зеро натиҷаҳои бобарори иқтисодӣ ба ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ низ пайвастагии қавӣ дорад. Бо пайгирӣ аз ин ҳадаф яке аз иқдомоти бузургу таърихии анҷмошуда тақсимоти 50 ҳазор гектар замин ба аҳолии мамлакат ба меҳвари амал гузошта шуда, дар ростои иҷрои он шумори зиёди аҳолии шаҳру деҳот соҳиби заминҳои наздиҳавлигӣ гаштанд.

Мутобиқи нишондодҳои оморӣ дар соли 2019 ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 27,75 миллиард сомониро ташкил додааст, ки ин нисбат ба соли 2006-ум 2,8 маротиба зиёд буда, ба ривоҷи истеҳсолоти кишоварзӣ ишорат мекунад. (Ҷадвали 1).

***Ҷадвали 1.*** *Нишондиҳандаҳои умумииқтисодии кишоварзӣ*

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | **2006** | **2011** | **2016** | **2019** | **2019 нисбат ба 2006** |
| Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ (млн. сомони) | **10047,0** | **14931,6** | **23008,3** | **27750,4** | **2,8мар.** |
| *Аз он ҷумла*: рустанипарварӣ | 7101,6 | 10702,1 | 15813,9 | 19279,7 | 2,7 мар. |
| чорвопарварӣ | 2942,4 | 4229,5 | 7194,3 | 8470,7 | 2,9 мар. |
| Адади корхона ва ташкилотҳои кишоварзӣ | 24901 | 58313 | 145107 | 171975 | 6,9 мар. |

***Сарчашма:*** *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе; Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2013.- С.278. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе; Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019.- С.284. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе; Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020.- С.300.*

Танҳо дар се соли охир дар кишвар зиёда аз 50 корхонаи нави коркарди маҳсулоти

кишоварзӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд, ки фаъолияти онҳо ба афзудани иқтидори истеҳсолии соҳа нақши муассир гузошт.

Бо мақсади баланд бардоштани истеҳсолоти кишоварзӣ муайян кардани самтҳои стратегӣ ва усулҳои таъмини соҳаи кишоварзии сердаромад ва тамоюли содиротидошта Барномаи «Ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020» қабул гардида буд.[4]

Барномаи мазкур вусъатёбии дастрасии хоҷагиҳои деҳқониро (фермериро) ба майдонҳои бештари заминҳои кишт пешбинӣ намуда, ба ҳамин васила иқтидорҳои истеҳсолиро афзуда, вазъи молиявии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва кафолати сармоягузориҳоро аз ҳисоби буҷети давлатӣ устувортар мегардонад. Ҳамчунин Барнома ба ҳалли мушкилоти норасоии воситаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ ва нокифоягии хизматрасониҳои зарурӣ равона гардидааст. Дастрасӣ ба тухмии хушсифат, нурию заҳрхимикатҳои асосӣ, инчунин ба хизматрасониҳои байторӣ ва хадамоти интишори донишҳои кишоварзӣ (муҳофизати рустанӣ, мубориза бо зараррасонҳо ва бемориҳо) аз ҷониби бахши хусусӣ таъмин карда мешавад, давлат бошад, дастуру қоидаҳои дахлдори бозориро муқаррар намуда, масъулияти назорати сифатро ба зиммаи худ мегирад.

Ба туфайли амалигардонии тадбирҳои мақсадноки Барнома дар соли 2019 ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ ба 27,7 миллиард сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба соли 2012 9,1 миллиард сомонӣ зиёд мебошад.[4]

Нишондиҳандаҳо собит месозанд, ки ҳоло ҳам иқтидорҳои агросаноатии кишвар баҳри таъмини амнияти озуқаворӣи ҷумҳурӣ пурра истифода намешаванд. Таъмини амнияти озуқаворӣ яке аз самтҳои стратегии миллии рушди мамлакат ба ҳисоб рафта, имрӯз ин барнома дар амал татбиқ шуда, ба чунин натиҷаҳо ноил гардид:

- афзоиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, кишоварзӣ ва гардиши савдои хориҷӣ, аз ҷумла содирот;
- истеҳсоли маҳсулоти озуқа афзоиш ёфт, ки ба беҳтар таъмин гардидани бозори дохилӣ бо маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ мусоидат намуд;
- азнавсозии инфрасохтори обрасонӣ, азхудккунии заминҳои нав, беҳтар гардонидани ҳолати мелиоративии заминҳо, таъминоти соҳаи кишоварзӣ бо техникаи зарурӣ, тухмии аълосифат;
- зиёд гардонидани майдони боғу токзори кишвар;
- афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бо истифодаи самараноки обу заминҳои корам, технологияҳои инноватсионӣ ва агротехникаи пешрафта, аз ҷумла бунёди боғҳои интенсивӣ;
- истифодаи самараноки замин, пеш аз ҳама, заминҳои наздиҳавлигиву президентӣ, захира кардану истифода бурдани тухмиҳои аълосифат ва бо ҳамин роҳ гирифтани то се ҳосил маҳсулоти кишоварзӣ.

Ба туфайли татбиқи он солҳои охир бахши истеҳсолии мамлакат пеш рафта, аз ин ҳисоб сатҳи некӯаҳволии мардум низ баланд гардидааст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати амалӣ намудани ин ҳадафи стратегӣ ба таври мунтазам тадбирҳои судманд меандешанд. Дар Паёми навбатии худ таъкид намуданд, ки «... бо мақсади дастгирии давлатии кишоварзони мамлакат ва таъмини фаровонии бозори истеъмолӣ пешниҳод менамоям, ки тамоми кишоварзони мамлакат барои як сол, яъне соли 2021 аз пардохти андози ягонаи замин озод карда шаванд». [6]

Таъмини амнияти озуқаворӣ боиси арзонии нархи маҳсулот, қариб ба ҳамаи анвои озуқа дастрасӣ пайдо кардани сокинон мегардад. Татбиқи стратегияи таъмини амнияти озуқаворӣ бо ҷоннок гардидани тавлиди маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ, коҳиш ёфтани арзиши бархе аз номгӯйҳои хӯрокворӣ гардида, гардиши заминҳои бекорхобида тавассути бунёду барқарорсозии шабакаҳои обёрӣ, тақвияти зоту тухмипарварӣ, ташкили боғу токзорҳои нав ва рушди саноати хӯрокворӣ ҳоло бо маром ҷараён дорад. Агар рушди самтҳои номбаршуда дуруст роҳандозӣ шавад, дар ояндаи наздик Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо ба таъмини амнияти озуқаворӣ муваффақ мегардад, балки ба ҷумҳурии содироткунандаи маҳсулоти баландсифат мубаддал хоҳад гардид.

Вобаста ба ин гуфтаҳо омӯзиши ҳолат ва тамоюли рушди истеҳсолоти кишоварзӣ, чун кисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи истеҳсолоти ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон бо ҷиҳатҳои зерин вобаста аст: якум, аз оғози солҳои 90-ум Тоҷикистон расман ташкилёбии принсипҳои бозории хоҷагидориро, ки дар фаъолияти амалии ҳар як субъекти иқтисодӣ хароҷот ва манфиатҳои онҳо муқоисашаванда мебошанд, ҷонибдорӣ менамояд. Дуюм, дар Тоҷикистон истеҳсолоти ҷамъиятиро бе соҳаи кишоварзӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст, зеро 73,7% -и шумораи умумии аҳолии кишвар дар деҳот зиндагӣ мекунанд ва ҳиссаи бахши аграрӣ дар истеҳсоли молҳои дар ММД-и мамлакат ба ҳисоб гирифташаванда 18,7%, ва бо фоиз дар ҳаҷми ММД 18,7-ро ташкил медиҳад.

***Ҷадвали 2.*** *Истеҳсоли ММД дар соҳаҳои иқдтисодиёт (бо %)*

| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Истеҳсоли молҳо дар ММД аз ҷумла:** | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| **-саноат** | 12,1 | 13,3 | 15,2 | 17,2 | 17,2 | 17,3 |
| **-кишоварзӣ** | 23,4 | 21,9 | 20,4 | 21,2 | 18,7 | 19,8 |
| **-сохтмон** | 10,2 | 11,1 | 12,1 | 9,8 | 9,7 | 8,8 |
| **-дигар соҳаҳо** | 54,3 | 53,7 | 52,3 | 51,8 | 54,4 | 54,1 |

***Сарчашма:*** *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе; Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019.- С.204. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе; Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020.- С.212.*

Аз ҷадвали 2 дида мешавад, ки истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар муқоиса ба дигар соҳаҳо 5,2% зиёд гардидааст, яъне Ҷумҳурии Тоҷикистон қадамҳои аввалини худро барои саноатикунонии кишвар гузошта истодааст.

Бо назардошти рушди ҷаҳони муосир, дар шароити ҷаҳонишавии тамоми ҷабҳаҳои фаъолияти ҷомеа, дар вазъияти талоши кишварҳои пешрафта барои ривоҷи бозори молу маҳсулот, бе назардошти манфиати кишварҳои истеъмолкунанда кӯшишҳои пайгиронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти аз кишвари аграрию индустриалӣ ба кишвари индустриалию аграрӣ (ҳадафи чоруми стратегӣ) табдил додани ҷумҳуриамон иқдоми олии мантиқӣ ва ҷасурона мебошад. Барои ба кишвари индустриалӣ табдил ёфтан пеш аз ҳама мавҷудияти ду омили асосӣ – манбаи энергия ва фаъолияти бемамониати инфрасохтори нақлиётӣ зарур аст. Хушбахтона аз чор ду ҳадафи стратегие, ки дар назди Ҳукумати ҷумҳурӣ меистод, ин омилҳоро таъмин карда, заминаи мустаҳкам барои ҳадафи чорум ба ҳисоб меравад. Дар эълон гардидани ҳадафи чорум мо сиёсати дурбинонаи

мантиқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бахри ба яке аз давлатҳои пешбурда мубаддал кардани Тоҷикистон баръало ҳис мекунем.

Аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳонидани кишвар ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин истиқлолияти комили энергетикӣ такони ҷиддӣ дар самти саноатикунонии кишвар аст.

Ба ҳамагон маълум аст, ки барои фаъолият бурдан дар шароити нави хоҷагидорӣ дар солҳои амалигардонии ислоҳоти иқтисодӣ дар ҳамаи давлатҳои давраи гузариш, ба соҳаи аграрӣ низ бисёрмоликиятӣ иҷозат дада шуда буд. Хусусан дар рушди давраи кунунии Тоҷикистон дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ хоҷагиҳои хурди фермерӣ аҳамияти стратегиро ба худ касб намудаанд. Барои тасдиқи беасос набудани ин гуфтаҳо якчанд маълумотҳои дақиқ, ки тамоюли рушди хоҷагиҳои фермерии хурдро дар иқтисодиёти Тоҷикистон тавсиф менамоянд (Ҷадвали 3), меорем.

***Ҷадвали 3.*** *Шумораи корхонаҳо ва ташкилотҳои хоҷагии қишлоқ*

| | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ***Корхонаҳои давлатии кишварзӣ*** | 372 | 314 | 183 | 132 | 129 | 147 | 148 |
| ***Корҳонаҳои байниташ-килотӣ*** | - | - | - | - | - | - | - |
| ***Хоҷагиҳои деҳқонӣ*** | 87594 | 108035 | 123379 | 145107 | 164631 | 172668 | 171975 |
| ***бо%*** | 118,68 | 123,33 | 114,2 | 117,61 | 133,44 | 104,88 | 99,6 |

***Сарчашма:*** *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе; Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019.- С.284. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе; Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020.- С.300.*

Маълумоти ҷадвал нишон медиҳад, ки сол то сол шумораи субъектҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ меафзоянд. Дар охири давраи мавриди таҳлил шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар кишвар 171975 воҳидро ташкил дода аст, ки нисбати соли 2019 5,3% кам мебошад. Тамоюли тақсимкунии корхонаҳои кишоварзӣ шаҳодат медиҳад, ки додани захираҳои замин ба фардҳои алоҳидаи молистеҳсолкунандагон хусусияти мусбат дорад.

Омилҳои тавонои механизми иқтисодии рақобат дар бозор асосан нарх, сифат, реклама, фоида ва маркетинг ба шумор меравaнд.

Аз сабаби мураккаб будани раванди фурӯш нақши маркетинг хеле баланд аст. Ин бо сабабҳои зерин ба миён меояд: тезу тунд будани рақобати миллӣ, рақобати хушунатомези воридот дар шароити иқтисодиёти кушода, низоми инкишофёфтаи субинститутҳо, имкониятҳои васеи истеъмолгарон ҳангоми иқтидорҳои назарраси истеҳсолот ва квотаи баланди воридотӣ, талабот ва эҳтиёҷоти босуръат тағйирёбандаи истеъмолгарон, торафт боло рафтани фардишавии талабот, ки ба истеҳсолот талаботи мувофиқро ба миён меорад, ҳар чӣ бештар на ба нарх, балки ба сифати баланди маҳсулот рӯ овардани харидорон ва ғайра.

Барои фурӯши бомуваффақияти маҳсулоти комплекси агросаноатӣ зарур аст, ки талабот ҳавасманд гардонида, қабл аз ҳама самтҳои истеъмолкунандагони худӣ аз худ карда шавад. Дар ин самт аллакай тадбирҳои зерин амалӣ шудаанд:

- ороиши пештахтаҳо;
- ройгон паҳн намудани молҳо;
- маводҳои тақсимотии иловагӣ;
- тӯҳфаҳои таблиғотӣ, масалан, маснуоти тӯҳфавии фирмавӣ;
- маводҳои фирмавӣ барои борбандӣ, масалан, халтаҳои полиэтилении фирмавӣ: тахфифи нарх, тахфифи кумулятивӣ барои ҳаҷми харид, тахфифи харидҳои ғайримавсимӣ, тахфиф барои истеъмолгарони доимӣ ва дигар тахфифҳои нарх, ки теъдоди онҳо қариб 40 намуд аст.

Фаъолияти инноватсионӣ на танҳо раванди инноватсионии ба анвои нави маҳсулот табдил додани дониши илмӣ, балки ҳамчунин таҳқиқоти маркетингии бозорҳои фурӯши мол, хосиятҳои истеъмолии онҳо, муҳити рақобат, маҷмӯи чорабиниҳои технологӣ, идоракунӣ ва ташкилии иқтисодиро дарбар мегирад.

Самтҳои асосии тағйироти сохторӣ дар КАС-и Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо мебошанд: таъмини мувозинат дар рушди соҳаҳои алоҳидаи КАС ва бартараф намудани тахассуси ашёии истеҳсолот; мутобиқан ба шароити табиию иқтисодии минтақаҳои алоҳида ва талаботи бозор; махсусгардонии кишоварзӣ; ба эътидол овардани таносуби истеҳсолоти калон, миёна ва хурд.

Дар ҳоли ҳозир, вобаста ба яку якбора бад шудани робитаҳои иқтисодӣ бо давлатҳои дигари ИДМ ва коҳиши суръати истеҳсолоти онҳо, бо воситаҳои зикршудаи истеҳсолот таъмин намудани ҷумҳурӣ якбора суст гардид.

Корхонаҳои коркард ҷиҳати рушди соҳа чунин чораҳоро бояд андешанд:

а) ихтисори давраи расонидани маҳсулоти ғизо ва дигар молҳои мавриди ниёзи мардум аз ашёи хоми кишоварзӣ то ба истеъмолгар дар натиҷаи кам кардани теъдоди қисматҳои миёнарав;

б) густариши соҳаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар корхонаҳои миёна ва хурд, ки асосан баҳри қонеъгардонии талаботи маҳаллӣ пешбинӣ гардидааст. Тадбири мазкур, хусусан, дар деҳоти дурдасти дорои шабакаи сусти нақлиётӣ аҳамияти калон хоҳад дошт;

в) ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ намудани истеҳсолот ва азхудкунии технологияҳои нав дар корхонаҳои миёна ва хурд;

г) муқаррар намудани имтиёзоти андозӣ, афзудани тамвили буҷетӣ ва ҷорисозии шароити имтиёзноки қарздиҳӣ ба корхонаву иттиҳодияҳое, ки иқтидори нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, истеҳсолу фурӯши молро густариш медиҳанд.

д) КАС ба давраи муосир мутобиқ ба миён омадааст (аз рӯи таркиб, сохтор, қобилияти қонеъгардонии талабот, номгӯи хизматҳои пешниҳодшаванда, нарху тарофаҳои дастраси имконияти корбарӣ дар дурнамо ва ғайра.).

е) Хизматҳои КАС бинобар тезу тунд будани рақобат дар бозорҳои дохилӣ (миллӣ) дар ҳамҷоягӣ бо глобализатсия, вобаста ба зарурати иштирок дар тақсимоти байналхалқии меҳнат, марбутан ба масъалаҳои ба миёномадаи бадастории фоида аз шаклҳои гуногуни алоқаҳои хоҷагии байналхалқӣ тақозои замон гардиданд.

Рушди муносибатҳои бозорӣ, аз инҳисор баровардани бозор барои сохтани корхонаҳои хурду миёнаи шир, гӯшт, орд ва ярма, ки ба беҳтар намудани таъмини минтақаҳои алоҳида бо маҳсулоти хоҷагӣ пешбинӣ шудаанд, имконият медиҳад.

Механизми хоҷагӣ низомест, ки аз зернизомҳои мутақобилан алоқаманду вобаста иборат буда, ҳар зернизомаш дар навбати худ унсурҳои муайяни баҳамдигар алоқаи

зичдоштаро дарбар мегирад. Оиндабинӣ ва нақшагирӣ, тамвил, кредитдиҳӣ, низоми андоз, ҳавасмандгардонӣ, шаклҳои ташкили муносибатҳои иқтисодӣ, нархгузорӣ ва низоми нарх, муносибатҳои байнисоҳавӣ, рушди бахши иҷтимоӣ, сохтор, усул ва шаклҳои идоракунӣ, муносибатҳои иқтисодии берунӣ ва ғайраҳо унсурҳои асосии механизми хоҷагии КАС мебошанд. Сохтори механизми хоҷагӣ, чигунагии робитаи байни зернизомҳо, унсурҳо, қисматҳо, сатҳи бадастомадаи истеҳсолот, сатҳи камолоти муносибатҳои истеҳсолиро инъикос мекунанд. Масалан, моҳияти механизми хоҷагӣ дар вазифаҳои он зоҳир мегардад. Дар шароити муосир асоситарин вазифаҳо инҳо мебошанд: ҳавасмандии моддии кормандони алоҳида ва ҷомеаҳои меҳнатӣ ба такмили доимии ихтисос ва иқтидори эҷодӣ, дигаргунсозии сифатии заминаи моддию техникии КАС, навъи инноватсионии такрористеҳсол, фароҳамсозии шароити баробари иқтисодӣ барои рақобати солим, таъмини рафтори иқтисодии муносиби ҳама субъектҳои хоҷагидор, нигоҳдории муҳите, ки барои ташкили тафаккури муосири иқтисодӣ дар зинаҳои гуногуни идоракунии истеҳсолот лозим аст[5, с.20-25].

Гузариш ба муносибатҳои бозорӣ дар КАС-и ҷумҳурӣ дар шароити норасоии беш аз пеши захираҳои моддию техникӣ ҷараён дорад. Баҳри бартараф намудани ин норасоӣ бояд маҷмӯи тадбирҳо андешида шаванд. Ин масъаларо бо роҳи густариши истеҳсол ва фурӯши воситаҳои моддию техникии лозима, татбиқи низоми сахтгиронаи таъминоти захира ва ҳавсмандгардонии он, роҳ надодан ба қатъи таъмини захираҳои муҳим барои пешбурди истеҳсолоти кишоварзӣ ҳал намудан мумкин аст.

Дар таъмини моддию техникии КАС гузаришро ба муносибатҳои бозорӣ дар ду марҳила амалӣ намудан ба мақсад мувофиқ аст. Дар марҳилаи якум истеҳсолот ва таҳвили кафолатдодашудаи номгӯи муайяни захираҳои моддию техникӣ, аз ҷумла маводи сӯхту равғанҳои молиданӣ, нурии минералӣ ва воситаҳои ҳифзи наботот, автомобилҳо, баъзе аз тамғаҳои трактор, мошинҳои кишоварзӣ ва ҳоказоро барои КАС нигоҳ доштан лозим аст. Дар марҳилаи дувум, бо роҳи арзёбӣ ва танзими тақозову арза, савдои яклухти онҳоро ташкил намудан мумкин аст.

Дар ин ҳолат чунин тадбирҳоро пешниҳод намудан бамаврид аст:

- мувофиқи мақсад барпо намудани бозори техникаи истифодашуда. Онро дар назди корхонаҳои таъмир ё дар назди шӯъбаҳои ноҳиявии сохторҳои таъминотӣ таъсис додан мумкин аст;
- дар назди шӯъбаҳои ноҳиявии таъминоти КАС ё корхонаҳои таъмир ба ном марказҳои хизматрасонии техникӣ (МХТ) таъсис бояд дод, ки барои хизматрасонӣ ба корхонаҳои кишоварзӣ, ҳамчунин иттиҳодияҳои иҷоракорон, кооперативу хоҷагиҳои деҳқонӣ, хуллас, барои тамоми онҳое, ки ба хизматрасонияшон ниёз доранд, пешбинӣ мегарданд;
- дигаргунсозиҳо дар муносибатҳои замин бояд ба он шаклҳои заминдорие такя кунанд, ки афзоиши самаранокии зироаткорӣ ба нигоҳ доштану афзоиши ҳосилхезии хок, инчунин ташкили мӯътадили таъмини воситаҳои истеҳсолот таъмин менамоянд.

Татбиқи низоми махсуси андоз барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар шакли андози ягонаи кишоварзӣ тадбири муҳимми дастгирии давлатии кишоварзӣ мебошад. Он имкон медиҳад, маҷмӯи тамоми омилҳои таъсиррасон ба сатҳи даромаднокии молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ, инчунин имкони воқеии онҳо ҷиҳати пардохти андозҳо ба инобат гирифта шавад.

Ба назари мо, бо мақсади ҳимояи манфиатҳои иқтисодии молистеҳсолкунандагони ватанӣ оид ба танзими бозори дохилии озуқавории кишвар ва фаъолияти иқтисодии берунӣ дар бахши КАС тадбирҳо андешидан лозим аст. Масалан, нисбати воридоти гӯшт, мурғ, моҳӣ, тухм, мева квота ҷорӣ намудан ба мақсад мувофиқ аст.

Тағйирот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати озодкунии нархҳо ва гузаронидани сиёсати ҷиддии пулию кредитии монетаристиро муайян намуданд. Дар робита бо сиёсати мазкур давлат бояд танзими нархи нуриҳои минералӣ, маводи сӯхту равғанҳои молиданӣ, техникаи кишоварзиро танзим кунад. Таҳлил нишон медиҳад, ки маҳз нархҳои дохилии ин захираҳо тайи солҳои ислоҳот, нисбат ба нархи захираҳои дигари лозимаи деҳот ба маротиб бештар афзоиш ёфтаанд. Ҳадди ниҳоии нархҳои маводи сӯхту равғанҳои молиданӣ, нуриҳои минералиро муқаррар намудан лозим аст, ки хароҷоти воқеии истеҳсолу фурӯшашонро инъикос намояд. Дар ҷараёни танзими давлатӣ бояд механизми нархгузорие татбиқ гардад, ки нархҳои озод (шартномавӣ) ва танзимшаванда, яъне нархҳои мақсаднок, кафолатӣ, гаравӣ, тавсияшаванда ва ҳудудии маҳсулоти кишоварзиро ба назар мегирад.

Аз ин бармеояд, ки эҷоди пойгоҳи қонунгузорӣ, таъмини ҳуқуқии танзим ва ташаккули муҳити рақобатнок дар тамоми бозорҳои аграрӣ, дастгирии рушди устувори КАС, татбиқи сиёсати протексионизми оқилона, таъмини бехатарии озуқаворӣ бо ёрии низоми тарифҳои гумрукию андозҳо, маблағгузорӣ самтҳои асосии ҳалли масъалаҳои КАС мебошанд. Иҷрои амалии онҳо ба воситаи буҷет – қарзҳои имтиёзнок, ҷубронпулӣ, ёронаҳо, лизинг; маблағгузории баъзе чорабиниҳо: нархҳои мақсаднок, давлатӣ, гаравӣ; дахолати молию харидорӣ; кредити имтиёзнок, молӣ, субсидиянок; андозҳои имтиёзноку тақсимшуда ва дигар шаклу усулҳои танзими давлатӣ амалӣ мешавад. Танзими давлатӣ бояд нигоҳдошту такрористеҳсоли захираҳои табиии истифодашаванда, таъсису татбиқи низоми экологию муҳитии зироаткорӣ, мониторинги ҳолати замин, муоинаи агрокимиёию экологӣ, иҷрои маҷмӯи корҳои обёрӣ, фаъолсозии сиёсати сармоягузорӣ баҳри таҷҳизоти техникии корхонаҳои кишоварзиро пешбинӣ намояд. Дар шароити Тоҷикистон принсипу мизонҳои ислоҳоти иқтисодиёт дар заминаи муносибатҳои бозорӣ бояд ҳамчун чораи мусоидат ба барқарорию рушди минбаъдаи қувваҳои истеҳсолкунанда ва ҳалли муаммоҳои иҷтимоии кишвар баррасӣ карда шаванд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо 88 кишвари ҷаҳон, аз ҷумла 10 кишвари ИДМ ва 78 мамлакати хориҷаи дур муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ дорад.

Амсилаи тоҷикии иқтисоди бозорӣ бояд як навъи иқтисоди бозории танзимшавандаи ба иҷтимоиёт нигаронида бошад. Чунки сатҳи зисти аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қиёс бо дигар кишварҳои ИДМ пасттарин буда, низоми шӯравӣ, ки мардумони Тоҷикистон тӯли қариб 70 сол дар он ҳаёт ба сар бурдаанд, бо ҳама нуқсонҳояш ҳифзи иҷтимоии одамонро дар сатҳи хоси амсилаи зикршуда таъмин менамуд.

Аз ин лиҳоз низоми мавҷудаи тақсимоти даромади миллӣ ва механизми ташаккули музди корро такмил додан, таносуби феълии музди кор ва маҳсулоти нав истеҳсолшударо ба сӯи афзоиши музди моҳонаи кормандони бахши кишоварзии кишвар тағйир додан ва ба ҳамин восита самти иҷтимоии рушди иқтисодии кишварро таъмин намудан лозим аст, ки ба сифати афзалиятхои асосӣ муайян гарданд:

- ташкили кластерҳои истеҳсолӣ – барои иттиҳоди истеҳсолкунандагон дар асоси таҳқиқот ва мониторинги бозори истеъмолӣ;
- рушди устувории сектори аграрӣ дар асоси истифодаи технологияҳои муосир ва усулҳои муосири инноватсионии агротехникӣ ва принсипҳои дастгирии давлатии он;

- таъмини амнияти озуқаворӣ ва ташкили низоми истеҳсол ва содироти ғизои солим;
- инкишофи принсипҳои «иқтисодиёти сабз» ва кишоварзии органикӣ бо истифода аз имконияти мавҷудаи кишвар;
- ҳифзи бозори истеъмолӣ аз ғизои пастсифати ватанию хориҷӣ бо роҳи баланд бардоштани стандартҳои истеҳсол, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл, воридкунӣ ва фурӯши маҳсулоти ғизоӣ.

***Пайнавишт:***


1. *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2013. – 469 с.*
2. *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе; Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019. – 477 с.*
3. *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе; Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. – 494 с.*
4. *Барномаи «Ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020» бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2012, №383 тасдиқ шудааст.(https://moa.tj/tj/sectoral-programs 7.05.2021)*
5. *Давлатов И., Исоматов Б., Ҳабибов С. Иқтисоди бозоргонӣ. Китоби таълимӣ. – Душанбе: Маориф, 1994. -154с.*
6. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26.01.2021 (http://prezident.tj/node/25005. 7.05.2021)*


***Reference Literature:***


1. *Statistical Annual of Tajikistan Republic. – Dushanbe: Agency on Statistics under the Auspices of Tajikistan Republic President. 2013. – 469 pp.*
2. *Statistical Annual of Tajikistan Republic. – Dushanbe: Agency on Statistics under the Auspices of Tajikistan Republic President. 2019. – 477 pp.*
3. *Statistical Annual of Tajikistan Republic. – Dushanbe: Agency on Statistics under the Auspices of Tajikistan Republic President. 2020. – 494 pp.*
4. *The Programme "Agriculture Reform of Tajikistan Republic for 2012 – 2020 Validated on the Resolution of Tajikistan Republic Government from August 1, 2012, #383 (https://moa.tj/tj/sectoral-programs 7.05.2021) (Date of request: 07.05.2021).*
5. *Davlatov I., Isomatov B., Habibov S. Market Economy. Manual. – Dushanbe: Enlightenment, 1994. – 154 pp.*
6. *The Message of Tajikistan Republic President, Leader of the Nation, Reverend Emomali Rakhmon to Majlisi Oli of Tajikistan Republic "On Basic Directions of Home and Foreign Policy of the Republic" from 26.01.2021. http://prezident.tj/node/25005. (Date of request: 07.05.2021).*